*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14) E-mail: faridullo72@mail.ru*

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Намозализода Шафқат Намозалӣ дар мавзуи «Ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ (дар маводи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

Дар шароити муосир ташаккулёбӣ ва рушди корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ барои ҳалли якчанд мушкилотҳои инкишофи иқтисоди миллӣ аз ҷумла таъмини амнияти озуқаворӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ дар ҳудуди деҳот ва саноаткунонии босуръати кишвар ниҳоят муҳим мебошад. Бинобари ҳамин ҳам омӯзиши заминаҳои, хусусиятҳо ва омилҳои ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла таҷриба хориҷӣ ба мо имкон медиҳад, ки роҳҳои баланд бардоштани самаранокии корхонаҳои коркардро барои пурратар истифода бурдани иқтидори соҳаи кишоварзӣ дарёбем, ки дар ниҳояти кор ба рушди иқтисоди кишвар таъсири мусбӣ мерасонад. Вобаста ба ин ин корҳои таҳқиқотии дар доираи мавзуи мазкур аз ҷониби дисертант ба сомон расонда шуда рузмарра ва замонавӣ мебошад.

Аз автореферат дида мешавад, ки муаллиф дар диссертатсия ба хусусиятҳои хоси ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, мавқеи он дар таъмини шуғли пурмаҳсул, таъмини аҳолӣ ба маҳсулоти хушсифати озуқаворӣ, ташаккули талабот ба рушди соҳаи кишоварзӣ таваҷҷӯҳи ҳамаҷониба зоҳир мекунад.

Муаллиф дар автореферати диссертатсия ҳамчунин омилҳои ба рушди ККСМК таъсирбахшро мавриди арзёбӣ қарор дода қайд менамояд, ки дар

шароити афзоиши рақобат байни истеҳсолкунандаи ватанӣ ва ҳамтоёни хориҷии онҳо, омилҳои гуногун ба ҷараёни истеҳсолу фурӯши маҳсулоти ККСМК таъсири мухталиф мерасонанд. Аз ин рӯ, дар рисола омилҳои ба ташаккулу рушди ККСМК таъсирбахш ба таври васеъ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд, аз ҷумла онҳо ба гурӯҳҳо ҷудо карда шуда, таъсироти мусбию манфии онҳо арзёбӣ шудаанд. Дар кори илмӣ таҷрибаи кишварҳои дар ин самт пешрафта аз қабили ИМА, Россия, Канада, Австралия, Зеландияи Нав, Аргентина, Озарбойҷон, Ҷумҳурии мардумии Чин, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҳиндустон мавриди таҳлилу баҳодиҳӣ қарор гирифтаанд. Дар ин замина тавсияҳои илман асоснок барои рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ пешниҳод намудааст.

Ҳангоми таҳлил ва арзёбии мазмун ва натиҷаҳои илмию амалии ба даст овардаи диссертант аз автореферати диссертатсияи тақризшаванда бармеояд, ки муаллиф дониши васеи назариявӣ ва соҳавиро дар самти таҳқиқоти илмии мавзуи интихоб гардида доро буда, вазифаҳои гузошташударо дуруст ҳал карда тавонистааст. Муаллиф дар автореферат тавсияҳои илмӣ ва амалиро аз нуқтаи назари илмӣ асоснок намуда, ба таври эътимоднок пешниҳод менамояд. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ дар дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ гузориш, баррасӣ ва тасдиқ гардида, дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

Дар автореферати диссертатсия дар баробари бартариятҳо норасои ва камбудиҳо низ ба мушоҳида мерасад, барои беҳбудии кори таҳқиқот пешниҳод намудан мумкин аст, ки хуб мешуд дар кор барои ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар шароити маҳдудияти сарчашмаҳои қарзи бонкӣ бештар ба лизинги молиявӣ таваҷҷуҳ карда мешуд. Вале ин камбудии пешниҳод шуда корҳои таҳқиқоти илмии дар доираи мавзуи диссертатсия анҷом додошударо паст намекунад ва муаллиф дар иҷрои мақсади гузошташудаи худ муваффақ шудааст.

Ҳамаи масъалагузориҳои зикршуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки диссертатсияи илмии Намозализода Шафқат Намозалӣ дар мавзуи «Ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ (дар маводи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)» кори мустақилона ба анҷом расонидаи муаллиф аст ва ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовар барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.03-Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мебошад.

Тақризнавис:
Мудири кафедраи молия, бонк ва гумруки
Филиали муассисаи давлатии “Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон” дар вилояти Суғд (ш. Хуҷанд)
д.и.и., и.в. профессор Шокиров Р.С.

Шокиров Равшан Сиддиқович
Тел: (+992) 927-49-52-75
E-mail: shokirovravshan@mail.ru

**Имзои Шокиров Р.С.- ро тасдиқ мекунам:**
Шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ФМД “ДБССТ” дар вилояти Суғд (ш.Хуҷанд)
“01” 04 2024 Абдуҷалилов Ҳ.Ҷ.

ЧУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ФИЛИАЛИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САЙЁҲӢ ВА СОҲИБКОРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД
ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС